# НАЗАРИЯҲОИ ОЛИМОН ОИДИ ЭҲСОС ВА МОҲИЯТИ ОН

**Маҳмудов Шокир**
*Донишгоҳи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав*
*Кафедраи педагогика ва психология*
*н.и.п., доцент*
**Ғуломзода Фаризаи Чамшед**
*донишҷӯи курси 1-уми факултаи Педагогика*

**Аннотатсия**: *Дар мақолаи мазкур маълумот оид ба эҳсос ва моҳияти он гирд оварда шудааст. Эҳсос ва моҳияти аз ҷониби олимони мухталифи илми психология таҳлил гардида, хулосаҳои овардашуда барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ёрии амалӣ мерасонад.*

**Калимаҳои калидӣ**: *маърифат, ретсептор, рушд, иникос, психика, хусусият, хотира, қобилият, шуур.*

Annotatsiya: *Ushbu maqolada sezgi va uning mohiyati haqida ma'lumot to'plangan. Sezgi va mohiyati psixologiya fanining turli olimlari tomonidan tahlil qilingan bo'lib, taqdim etilgan xulosalar boshlang'ich sinf o'qituvchilariga o'quv-tarbiya jarayonida amaliy yordam beradi.*

Kalit so'zlar: *bilish, retseptor, rivojlanish, aks etish, psixika, xarakter, xotira, qobiliyat, ong.*

**Аннотация**: *В данной статье собрана информация о ошушения и его сущности. Ошушения и сущность проанализированы различными учеными психологической науки, а представленные выводы оказывают практическую помощь учителям начальных классов в образовательном процессе.*

**Ключевые слова**: *познание, рецептор, развитие, зрение, психика, характер, память, способности, сознание.*

Abstract: *This article contains information about noise and its essence. The ideas and essence have been analyzed by various scientists of psychological science, and the presented findings provide practical assistance to primary school teachers in the educational process.*

Key words: *cognition, receptor, development, vision, psyche, character, memory, abilities, consciousness.*

Ашё ва ҳодисаҳои дунёи моддӣ, ки дорои хусусиятҳои гуногун ҳастанд, на танҳо объективона вуҷуд доран, балки ба мо ҳам таъсир мерасонанд. Ин хусусиятҳои гуногуни ашё бевосита ба узвҳои ҳиссамон таъсир мерасонанд ва дар мо эҳсосро ба вуҷуд меоваранд. Мувофиқи таърифи додашуда «Дар шуури мо инъикос ёфтани хусусиятҳои алоҳидаи предмет ва ҳодисаҳои олами иҳотакарда, ки дар айни ҳол ба узувҳои ҳисси мо таъсир мерасонанд эҳсос номида мешавад».

Эҳсос шакли аввалини дониста гирифтани ҳодисаҳои гирду атроф мебошад. Ба воситаи эҳсос мо ранг, бӯй, таъм, мазза, гармӣ, сахтӣ ва хунукиро фамида мегирем. Эҳсос ба мо имконият медиҳад, ки тағйиротҳои ҳаракату ҳолати бадан, ки дар

организм ва қисмҳои он инчунин узвҳои дохили нафаскашӣ, гардиши хун, ҳозима ба вуҷуд меояд, фаҳмида гирем.

Эҳсос хусусиятҳои ашё ва ҳодисаҳое мебошад, ки онҳо берун аз ихтиёру шуури одамон ба вуҷуд меояд. Дигар хел карда гӯем, эҳсос инъикоси олами субъективии объективӣ мебошад. «Агар эҳсос намебуд мо ба воситаи ягон чизи дигар дар хусуси шакли ҳаракатҳо ҳеҷ чизеро дониста наметавонистем». Организми инсон доимо ба дунёи беруна дар муносибат мебошад. Эҳсос аз рӯи меъёрҳои гуногун вобаста ба характер, самт ва мазмун тасниф карда мешавад:

01 1.Эҳсоси биноӣ;

02. 2 .Эҳсоси шунавоӣ;

03 3.Эҳсоси бӯй;

04 4.Эҳсоси мазза;

05 5.Эҳсоси пӯст;

06 6.Эҳсоси мушакҳо;

07 7.Эҳсоси органикӣ.

Доир ба эҳсос якчанд фактҳо ҳастанд:

1-Факт. Гӯши одам дар давоми як сония метавонад аз 16 ҳазор то 22 ҳазор овозҳоро эҳсос намояд. Аз ин зиёд лаппиши овозҳоро намешунавад. Садоҳои дорои лаппиши бузургро, ки гӯш намешунавад, ултрасадо меноманд. Гӯш аъзои шунавоӣ ба ҳисоб рафта ба сохти мураккаб соҳиб аст.

2-Факт. Психологи рус Б. Г. Ананев ёздаҳ намуди эҳсосро ҷудо намудааст. А.Р. Лурия бошад пешниҳод менамояд, ки таснифоти эҳсос бояд дар асоси ду принсип-генетикӣ ва систематикӣ ба роҳ монда шавад. Кӯшиши аз рӯи принсипи генетикӣ тасниф намудани эҳсос ба неврологӣ англис Х. Хэд тааллуқ дорад.

3-Факт. Дар ин замина физиологи англис Ч. Шеррингтон се синфи асосии эҳсосро ҷудо намудааст: 1.Экстероресептивӣ; 2.Проприоретсептивӣ; 3.Интероретсептивӣ.

1. Экстероретсептивӣ-яке аз гурӯҳҳои асосии эҳсос буда, ахбореро қабул мекунад, ки аз олами атроф ба мо омада мерасанд. Ин гурӯҳи эҳсос одамро ба олами атроф пайваст мекунад. Ба ин гурӯҳи эҳсос дохил мешаванд: эҳсоси биноӣ, шунавоӣ, бӯй, мазза ва пӯстӣ. Ретсепторҳои ин намуди эҳсос дар узвҳои ҳиссӣ ҷойгир шудаанд.

2. Проприоретсептивӣ-ин эҳсос ахборро оид ба ҳолати организм дар фазо ва ҳолати такягоҳу ҳаракатӣ таъмин менамояд. Онҳо асоси афферентии ҳаракати одамро ташкил дода дар танзими онҳо нақши калон мебозанд. Ретсепторҳои проприоретсептивӣ дар мушакҳо ва бофтаҳои бадан ҷойгир буда, шакли навбасти махсуси асабиро доранд ва эҳсоси статикӣ ҳам дохил шуда, эҳсоси ҳаракат, эҳсоси кинестатикӣ низ номида мешаванд.

3. Интероретсептивӣ-оид ба ҳолати узвҳои дохилии организм ахборот дода ба майнаи сар ангезиши аз меъдаю рӯда, дилу системаи гардиши хун ва дигар апаратҳои дохилӣ ояндаро мефаҳмонад.

Дар фанни психология ба вуҷуд омадани эҳсосот, таълимоти илмиро дар бораи механизми асаби онҳо психологи машҳур, физиологи рус, академик И. П.Павлов кашф

кард. Ғояҳои илмӣ дар ин бора дар таълимоти олими шинохта дар борaи анализаторҳо ифодаи худро ёфтааст. Бо ёрии эҳсос инсон хусусият ва ҷиҳатҳои ба худ хоси предметҳоро дарк мекунад, ва аз онҳо барои еҳтиёҷоти худ фоида мебарад.

Назариячиёни идеалистӣ (Беркли, Мах, Авенариус ва дигарон) ғайри илмӣ исбот кардани мешуданд, ки гӯё фақат эҳсос, объективона вуҷуд дошта тамоми дигар чизҳои дунёи объктивӣ маҷмӯи эҳсос мебошад.

Аммо олимони даврони Шӯравӣ фикрҳои идеалистон Беркли, Мах, Авенариус, Багданов, Юшкевич ва дигаронро танқид карда чунин навиштаанд: «Материя ба узвҳои ҳисси мо таъсир расонда эҳсосро ба амал меорад. Эҳсосот ба майна, ба асабҳо, ба ҳуҷайра ва ғайра, яъне ба материяи муайяни муташаккил вобаста аст. Мавҷудияти материя ба эҳсосот вобаста намебошад». Асосгузори «Идеализми физиологӣ» И.Мюллер ва баъдтар Г.Гелмголц баъзе далелҳои илмиро маънидод карда бошанд ҳам, аммо онҳо эҳсосро ҳамчун аломатҳои шартӣ, ҳамчун символи таъсиротҳои беруна мефаҳманд.

Идеалистон (Мах, Авенариус ва дигарон) ба қонуни махсуси қувваи эҳсос ихтироъкардаи И. Мюллер такя мекарданд. Мюллер чунин меҳисобид, ки ҳар як узви ҳиссӣ соҳиби қувваи муайян аст ва ба таъсиротҳои гуногун тавассути он ҷавоб мегардонад. Масалан, чунин меҳисобид, ки гӯё чашм ҳам ба таъсиротҳои равшанӣ, ҳам ба таъсиротҳои ҷараёни электрикӣ ва ҳам ба таъсиротҳои механикӣ фақат ба воситаи эҳсоси рӯшноифаҳмӣ ҷавоб мегардонаду халос. Дигар узвҳои ҳиссӣ низ мувофиқи ҳамин қонун амал мекунанд.

И. Мюллер дар натиҷа ба хулоса меояд, ки эҳсос ба дуруст инъикос намудани хусусиятҳои ҳақиқии предметҳои дунёи объективӣ қодир набуда, балки ҳолати узвҳои ҳиссиро ифода менамояду халос.

Фомаи Аквинӣ маърифати табиӣ ва фавқуттабииро фарқ мекунад. Маърифати табиӣ ин донистагирии ҳақиқат туфайли эҳсосҳо ва ақл мебошад. Эҳсос зинаи аввалини маърифатӣ мебошад, ки тавассути он хонандагон донишҳои аввалинро оид ба хусусиятҳои алоҳидаи ашёву ҳодисаҳо дониста мегиранд.

## АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Қодиров С. Давлатов М. «Психология».- Душанбе, «Сино» соли 2002, саҳ. 110.
2. П.Иванов, М.Зуфарова. Умумий психология.- Тошкент-2009
3. Немов Р.С. Психология. Кн. 1. – М., 2000.